# Шарҳи моҳонаи таваррум • Сентябри 2021

**Тибқи маълумоти омори расмӣ дар моҳи сентябри соли ҷорӣ сатҳи таваррум нисбат ба моҳи август 0,1 банди фоизӣ (б.ф.) поёнравӣ дошта, 0,4 фоизро ташкил дод. Ба муътадилгардии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ (аз қабили меваҷот ва сабзавот) бештар ҷамъоварии ҳосили фаровони тирамоҳӣ ва афзоиши пешниҳоди он, инчунин сиёсати зидди таваррумии монетарӣ ва вазъи боэътидоли бозори дохилии асъор, таъсири мусбат расонид**.

Таваррум ҳосилшуда асосан аз ҳисоби афзоиши нархи молҳои воридотии ғайрихӯрокворӣ 0,5 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ ба андозаи 3,3 фоиз (0,5 б.ф.) ба амал омад. Ҳамзамон, дар ин моҳ пастравии нархи маҳсулотҳои хӯрокворӣ ба қайд гирифта шуд, ки -0,5 фоиз (-0,3 б.ф.)-ро ташкил дод.

Раванди афзоишёбии нарху тарифаҳои хизматрасониҳои ба аҳолӣ дар моҳи ҳисоботӣ бештар аз таъсири омили ғайримонетарӣ, асосан дар натиҷаи қиматшавии нархи хизматрасонии нақлиёт ба андозаи 9,5 фоиз (бахусус хизматрасонии нақлиёти мусофирбар 11,1 фоиз вобаста ба болравии нархи маводи сӯзишворӣ дар моҳҳои қаблӣ), маориф 7,5 фоиз, хӯроки ҷамъиятӣ 0,6 фоиз ва маишӣ 0,4 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

Дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ дар моҳи сентябри соли ҷорӣ бештар қиматшавии нархи маводи сӯзишворӣ 0,6 фоиз (бахусус нархи сӯзишвории дизелӣ 2,7 фоиз), маводи доруворӣ 0,7 фоиз, либос ва пойафзол 0,3 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бинобар мувозинатии талабот ва пешниҳоди маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои кишвар бештар арзоншавии нархи маҳсулоти серистеъмолии аҳолӣ, ки ҳиссаи онҳо дар сабади истеъмолӣ намоён мебошанд, аз қабили биринҷ 1,1 фоиз, тухм 4,8 фоиз, равғани пахта 3,0 фоиз, равғани офтобпараст 2,5 фоиз, себ 11,1 фоиз, ангур 25,5 фоиз, сабзӣ 25,5 фоиз, карам 9,4 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуданд.

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи бензини АИ-92 ва гази моеъ, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**Таварруми солона бошад, дар моҳи сентябри соли 2021 ба 9,6 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 3,0 б.ф. зиёд мебошад.** Мавриди зикр аст, ки раванди тағйирёбии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби омилҳои ғайримонетарӣ, бахусус омилҳои дорои хусусияти таклифотӣ, мавсимӣ, фишорҳои берунӣ ва бо назардоштӣ таъсири "эффекти базавӣ" ба амал омад.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи сентябри соли ҷорӣ 0,1 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 1,7 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи молҳои ғайриҳӯрокворӣ ва маҳсулоти тайёри ҳӯрокворӣ мусоидат намуд.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум ва то интиҳои сол ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда татбиқи сиёсати пулию қарзии мутавозунро идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2019 | 2020 | | | | 2021 | | | | | Сентябр моҳона бо фоиз |
| | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Март | Июн | Июл | Август | Сентябр | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,3** | **8,4** | **6,6** | **9,4** | **9,9** | **9,4** | **9,1** | **9,4** | **9,6** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **12,4** | **7,6** | **13,5** | **13,5** | **10,9** | **12,4** | **11,5** | **11,0** | **-0,6** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,5 | 25,3 | 15,1 | 13,8 | 10,4 | -3,7 | -3,1 | -0,8 | 2,2 | 2,5 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 4,0 | -0,5 | -0,4 | 3,2 | 0,4 | -5,5 | -7,0 | -7,1 | -7,8 | -1,1 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 17,3 | 36,7 | 19,0 | 16,4 | 12,9 | -5,7 | -4,2 | -0,6 | 4,6 | 4,3 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 20,6 | 12,3 | 5,9 | 5,7 | 9,0 | 14,6 | 15,0 | 14,7 | 14,0 | -1,4 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 25,2 | 14,0 | 5,7 | 6,2 | 9,5 | 15,5 | 16,5 | 16,4 | 15,8 | 1,0 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | -5,1 | -0,1 | -2,1 | 18,9 | 43,2 | 24,2 | 20,2 | 16,1 | 11,9 | -0,2 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 6,7 | 8,1 | 7,6 | 4,3 | 5,6 | 6,2 | 7,5 | 7,8 | 7,9 | 1,8 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 11,0 | 13,0 | 8,1 | 5,6 | 10,3 | 3,1 | 7,0 | 9,2 | 8,8 | 0,7 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 0,5 | 6,4 | 7,2 | 42,3 | 51,5 | 64,3 | 66,1 | 66,2 | 58,9 | 1,0 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 12,1 | 18,6 | 11,5 | 4,7 | -6,4 | -9,5 | -5,2 | -6,3 | -9,7 | 0,3 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 29,9 | 3,0 | -3,0 | 5,8 | 5,5 | 14,1 | 18,6 | 9,5 | 11,7 | -0,6 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | -0,2 | -2,0 | 13,1 | 40,8 | 46,7 | 41,0 | 43,1 | 42,3 | 21,9 | 3,1 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -0,8 | -0,2 | -2,1 | -2,2 | 4,5 | -1,7 | -1,9 | -1,6 | 0,1 | 0,3 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **3,0** | **2,9** | **6,2** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **5,7** | **5,7** | **1,8** | **-0,1** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **1,9** | **3,2** | **5,0** | **5,0** | **4,6** | **4,3** | **4,1** | **4,0** | **2,8** | **0,4** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,0** | **3,9** | **5,8** | **5,8** | **7,6** | **8,4** | **7,0** | **7,8** | **7,8** | **-0,1** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,2 | 3,8 | 4,1 | 4,5 | 4,9 | 4,1 | 4,0 | 3,9 | 3,3 | 0,6 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 5,5 | 6,5 | 8,0 | 8,0 | 7,8 | 6,5 | 6,4 | 6,2 | 5,1 | 0,9 |
| Маводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 2,9 | 5,0 | 7,0 | 10,1 | 9,5 | 7,7 | 6,6 | 5,0 | 5,7 | 1,4 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 16,5 | 11,9 | 12,6 | 7,8 | 6,6 | -0,4 | -2,3 | -2,7 | -1,6 | -1,3 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | 4,2 | -16,5 | -1,2 | -6,1 | 16,8 | 56,8 | 41,8 | 56,5 | 59,4 | 1,0 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | -2,1 | -2,7 | 14,8 | 14,8 | 12,8 | 22,1 | 14,0 | 13,4 | 11,8 | 1,1 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | -0,7 | 2,7 | 2,8 | 3,2 | 4,3 | 4,2 | 3,9 | 3,9 | 2,9 | 4,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 2,9 | 8,4 | 7,5 | 8,8 | 9,3 | 5,6 | 5,1 | 5,3 | 5,2 | 0,3 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,7** | **5,0** | **5,0** | **4,0** | **4,1** | **5,1** | **3,9** | **6,5** | **9,3** | **-0,7** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 11,0 | 7,5 | 4,9 | 1,8 | 3,7 | 9,6 | 6,0 | 13,9 | 14,6 | 0,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 1,3 | 1,3 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 3,8 | 2,6 | 2,6 | 1,4 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,4 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,4 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 5,9 | -9,3 | 28,1 | 4,0 | 14,1 | 52,0 | 26,1 | 62,2 | 66,7 | 0,0 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | -1,4 | 0,9 | 4,6 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 11,2 | 0,0 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,6 | 0,4 | 0,4 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 7,7 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,8 | 7,6 | 8,7 | 1,9 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 0,5 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | -1,4 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 4,4 | 3,1 | 2,6 | 6,7 | 5,9 | 5,5 | 4,6 | 4,1 | 4,1 | 1,4 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.
** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо